# ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj

№ 4-4-281 аз « 4 » 10 соли 2024

Ба №__________ аз «____»______________ соли 202__

Агентии инноватсия ва технологияҳои
рақамии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба №1-4б/355,
аз 11-уми сентябри соли 2024-ум

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/36 «Дар бораи Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда»-ро баррасӣ намуда, онро 24-уми сентябри соли 2024-ум, №1304 ба қайди давлатӣ гирифт.

Мутобиқи моддаи 89 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта танҳо баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд.

Дар асоси банди 3 Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018-ум, №167 тасдиқ шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта пас аз бақайдгирии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 10 рӯз дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ё «Садои мардум» расман интишор карда мешаванд ва аз рӯзи интишор гардидани онҳо дар яке аз ин рӯзномаҳо, инчунин дар

маҷаллаи «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор мегиранд.

Тибқи банди 19 Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2018-ум, №195 тасдиқ шудааст, мақоми санади меъёрии ҳуқуқиро қабулкунанда на дертар аз 15 рӯз ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарчашмаи интишори ин санади меъёрии ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод менамояд.

Ғайр аз ин, моддаи 505 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани тартиби муқарраршудаи нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ кардааст.

Бинобар ин, бояд санади меъёрии ҳуқуқии мазкур тибқи тартиб ва муҳлати дар боло зикршуда расман интишор гардида, маълумот дар бораи нашри он ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 15 рӯз пешниҳод карда шавад. Ҳангоми нашри санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ нишон додани рақами бақайдгирӣ ва таърихи бақайдгирии давлатӣ ҳатмист.

Дар ҳолати нашр нагардидан ва пешниҳод накардани маълумот дар бораи сарчашмаи интишори расмӣ, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани фармоиши мазкур қарор қабул менамояд.

Замима: нусхаи аслии хулосаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2024-ум, №1304 ва фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/36 (бо забонҳои давлатӣ ва русӣ).

Муовини вазир Шараф Каримзода

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj

№ 4-4-281 аз «4» 10 соли 2024
Ба №____________аз «___»________соли 20___

Агентии инноватсия ва технологияҳои
рақамии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса

Номи мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудааст: Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Намуди санад, санаи қабул, номгӯйи он: фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/36 «Дар бораи Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда».

Мазмуни мухтасари санади меъёрии ҳуқуқӣ: фармоиши мазкур дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» таҳия гардида, тартиби намунавии ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадории фаъолияти маркази тасдиққунандаро муқаррар менамояд.

Хулоса (рақам ва санаи бақайдгирӣ): бо натиҷаи баррасӣ ба фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/36 «Дар бораи Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда» рақами бақайдгирии давлатии 1304 аз 4-уми октябри соли 2024-ум дода шуд.

Муовини вазир Шараф Каримзода

**ФАРМОИШИ**
**ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

«11» сентябри соли 2024 ш. Душанбе №1/36

Дар бораи Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда

180.180.040.

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ва банди 10 Низомномаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2024, №798 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Марказҳои тасдиққунанда дар асоси Низомномаи намунавии мазкур низомномаи худро таҳия ва тасдиқ намоянд.
3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзо Хуршед

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1304
«4» 10 с.2024

Замима ба фармоиши
директори Агентии инноватсия
ва технологияҳои рақамии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «11» сентябри соли 2024, №1/36

Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда (минбаъд - Низомнома) тартиби намунавии ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадории фаъолияти маркази тасдиққунандаро муайян мекунад.

2. Маркази тасдиққунанда шахси ҳуқуқӣ буда, хизматрасониҳоро вобаста ба додани сертификати калидҳои имзои электронии ҳифзшуда, инчунин хизматрасониҳо вобаста ба истифодаи имзои электронии ҳифзшуда ва тасдиқи аслияти ҳифзи имзоҳои электрониро пешниҳод менамояд.

3. Марказҳои тасдиққунанда мумкин аст дар шакли марказҳои тасдиққунандаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ) таъсис дода шаванд. Марказҳои тасдиққунандаи давлатӣ ба мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ хизматрасониҳоро вобаста ба имзоҳои электронии ҳифзшуда пешниҳод мекунанд. Марказҳои тасдиққунандаи давлатӣ метавонанд ба субъектҳои дигари хоҷагидор низ хизмат расонанд. Марказҳои тасдиққунандаи ғайридавлатӣ (хусусӣ) ба субъектҳои хоҷагидор, ба истиснои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ, вобаста ба имзои электронии ҳифзшуда хизматрасониҳоро анҷом медиҳанд.

4. Бақайдгирии давлатии марказҳои тасдиққунанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 2. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ МАРКАЗ

5. Маркази тасдиққунанда дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- сертификати калиди имзоҳои электронии ҳифзшударо омода ва пешниҳод менамояд;

- амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшударо бозмедорад, аз нав барқарор менамояд, бекор менамояд ва тағйироти дахлдорро ба феҳристи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ворид менамояд;

- дар асоси шартнома намудҳои дигари хизматрасониеро, ки бо имзои электронии ҳифзшуда алоқаманданд, пешниҳод менамояд.

6. Маркази тасдиққунанда дорои уҳдадориҳои зерин мебошад:

- дурустии маълумот дар дархост оид ба сертификатсияи калиди имзои электронии ҳифзшуда пешниҳодшударо дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи чунин маълумот санҷад;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1304
«4» 10 с.2024

- мутобиқати маълумоти дар сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ба маълумоти пешниҳодкардаи дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшударо таъмин намояд;

- феҳристи сертификатҳои калиди имзои электронии ҳифзшударо пеш бурда, навсозии он ва дастрасии озод ба онро таъмин намояд, маълумоти заруриро дар бораи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ба феҳристи сертификатҳои калиди имзои электронии ҳифзшуда на дертар аз як рӯз то оғози мӯҳлати амали сертификат дохил намояд;

- санҷиши ягона будани калиди имзои электронии ҳифзшударо дар феҳристи сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда ва бойгонии маркази тасдиққунанда анҷом диҳад;

- дорандаи сертификати калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшударо дар бораи далелҳои ба маркази тасдиққунанда маълумшуда, ки аз истифодаи минбаъдаи калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда имконнопазир мебошад, инчунин дар бораи боздоштан ё бекор намудани сертификати калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда огоҳ намояд;

- ба шахсони манфиатдори қонунӣ маълумоти мавҷударо, ки барои тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда зарур мебошанд, пешниҳод намояд;

- уҳдадориҳои дигаре, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартномае, ки байни маркази тасдиққунанда ва дорандаи имзои электронии ҳифзшуда ба имзо расидааст, иҷро намояд.

## 3. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ ВА ШАРТҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТ АЗ ҶОНИБИ МАРКАЗИ ТАСДИҚҚУНАНДА

7. Фаъолияти молиявии маркази тасдиққунанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8. Маркази тасдиққунанда баҳисобгирии муҳосибӣ ва омориро тибқи тартиби муқарраргардида пеш мебарад.

9. Манбаъҳои асосии ташкилёбии захираҳои молиявии маркази тасдиққунанда даромадҳо аз ҳисоби иҷро намудани фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба ҳисоб меравад.

10. Маркази тасдиққунанда фаъолияти худро дар сурати мавҷуд будани шартҳои зерин амалӣ менамояд:

- мавҷудияти захираҳои дахлдори молиявӣ, моддӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ, ки барои таъмини бехатарӣ, эътимоднокӣ ва муттасилии пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба сертификатсияи калидҳои имзои электронии ҳифзшуда, инчунин барои пӯшонидани зараре, ки метавонад дар робита бо пешниҳоди чунин хизматрасонӣ расонида шавад, зарур аст;

- мавҷудияти калиди сертификатсияшудаи имзои шахси ваколатдори маркази тасдиққунанда, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда таъмин гардидааст;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1304
«4» 10 с.2024

- таъмини бақайдгирии боэътимод ва саривақтии маълумот дар феҳристи сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда, аз он ҷумла пешниҳоди саривақтии хизматрасониҳо оид ба бoздоштан ва бекор кардани амали сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда;

- таъмини имконияти муайян кардани сана ва вақти додани сертификат, боздоштан ё бекор кардани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда;

- мавҷудияти кормандони дорои тахассуси дахлдор, ки барои пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба сертификатсияи калиди имзоҳои электронии ҳифзшуда заруранд;

- таъмини бехатарии имзои электронии ҳифзшуда;

- нигаҳдории маълумот дар бораи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»;

- мутобиқат ба шартҳои дигари махсуси муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ.

## 4. ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

11. Фаъолияти маркази тасдиққунанда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда мешавад.

12. Дар сурати қатъ гардидани фаъолият, маркази тасдиққунанда уҳдадор аст ҳамаи дорандагони имзоҳои электронии ҳифзшударо, ки ба онҳо хизмат мерасонад, оид ба ҳолати мазкур хабар диҳад.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Барои риоя накардани муқаррароти Низомномаи мазкур шахсони масъул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1304
«4» 10 с.2024